**Тақризи**

**муқарризи расмӣ Ортиқов Абдурафиқ Абдраманжанович ба диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ. - Душанбе. - 165 саҳ.**

Таҳлили пояҳои истиқлолият ва бунёди давлати миллӣ пеш аз ҳама ба рушди илму фарҳанги мо вобастагӣ дорад. Яке аз сарчашмаҳои асосии ин раванди миллату давлатсозӣ омӯзиши таърихи даврони шуравӣ мебошад.

Яке аз давраҳои инкишофу пешрафти миллати мо ба замони дар ҳайати давлати собиқ шуравӣ будани Тоҷикистон аст.

Аз ин хотир, омӯзишу баррасии афкори олимону донишмандон оиди ин давраи таърихӣ аҳамият ва арзиши хоссаеро доро мебошад. Таҳлилу баррасии таърихи даврони шуравӣ яке аз вазифаҳои асосӣ ва аввалиндараҷаи насли даврони соҳибистиқлолист, зеро омӯзиши таҷрибаи замони гузашта дар татбиқи нақшаҳои имрӯзаи Ҳукумати Тоҷикистон метавонанд чун таҷрибаи таърихӣ кумак намоянд. Дар шароити татбиқи чаҳор хадафи стратегии кишвар, ба инобат гирифтани таҷрибаи замони индустрикунонӣ ва коллективонии хоҷагии деҳоти мамлакат хеле муфид хоҳад буд.

Чун ба таърихи замони шуравӣ назар менамоем эҳсос мекунем, ки дар таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон ҷои намоёнро“биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст – гурӯҳҳои пешрафтаи синфи коргари Русия ишғол мекунанд. Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҳукумати Шуравӣ аз вазифаҳои бартараф намудани қафомонии иқтисодӣ ва тараққиётипуравҷи тамоми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ баромада, барои тезондани тараққиёти колхозҳо ва

тараққӣ додани обёрӣ ва заминкушоӣ дар Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешиданд.

Маълум аст, ки баробари таъсиси давлати шуравӣ, сохтмони саноатӣ ва роҳсозӣ, дигаргунсозии соҳаи кишоварзӣ, сохтмони иншооти обёрӣ ва азхудкунии заминҳо дар Тоҷикистон оғоз ёфт, ки ин андешидани чораҳои қатъии бузургро талаб мекард. Дар мадди аввал татбиқи коллективонии хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ ва ташкили низоми колхозӣ меистод. Коллективонӣ марҳилаи табиӣ ва ногузири сохтмони сотсиалистӣ буд. Бе коллективонӣ ҳалли мушкилоти дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ғайриимкон буд.

Табиист, ки халқи тоҷик дар он солҳои душвор танҳо бе кӯмаки беруна ин вазифаи душвортаринро ҳал карда наметавонист. Барои ҷумҳурӣ шумораи зиёди техника, коргарон, мутахассисон ва одамони босавод лозим буданд.

Биступанҷҳазориён дар бунёди колхозу совхозҳо, иттиҳодияҳои гурӯҳӣ, ташкилич орабиниҳои фарҳангию маърифатӣ дар деҳот ва ҷалби оммаи деҳқонон ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва чорабиниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолона ширкат варзиданд. Фиристодагони Федератсияи Русия ба меҳнаткашон дар ташкилотҳоиҳизби коммунистиву шӯроӣ ва хоҷагӣ дар мустахкам намудани хоҷагиҳои суст кӯмак расонданд.

Онҳо дар байни аҳолии қишлоқ корҳои оммавӣ-сиёсӣ ва маданӣ-равшаннамоӣ бурда, ба фаъолони колхозҳо дар бобати ба тартиб даровардани ҳисобу китоби моликият, ёрӣ расондан дар дуруст тақсимкардани қувваи корӣ ва ҳамчун ташкилотчиёни мусобиқаи сотсиалистӣ баромад карданд.

Дар солҳои 60-80-уми асри XX дар таърихнигории Тоҷикистони Шуравӣ як қатор асарҳои дастаҷамъӣ ва монографияҳои инфиродӣ оид ба коллективонии хоҷагии қишлоқ ва сохтмони колхозӣ,

масъалаҳоисохтмони ирригатсионӣ дар Тоҷикистон пайдо шуданд, аммо дар ин асарҳо фаъолияти бригадаҳои сарпараст ва бистуҳанҷҳазориён дар Тоҷикистон қисман инъикос ёфтаанд, яъне масъалаи мазкурро дар ҷараёни фарогирии мавзӯъҳои асосии худ ва ба андозаи нопурра баррасӣ кардаанд. ТанҳоА. Русаков (Коргарон-бистуҳанҷҳазориён дар Тоҷикистон, Душанбе, 1985 ) дар асоси таҳлили далелҳои мушаххас ҷанбаи муҳими кори коргарон - бистуҳанҷҳазориёни Русияро, ки дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон, дар самти ҷорӣ намудани низоми нави муносибатҳои истеҳсолии сотсиалистӣ, ташкили иттифоқи синфи коргар ва деҳқонони тоҷик анҷом дода буданд, мухтасар баён кардааст.

К.И. Богомолова дар мақолааш "Бистуҳаҷҳазориён дар Тоҷикистон" низ ба ҳамин масъала таваҷҷуҳ намуда, дар он дар бораи ба Тоҷикистон омадани "бистуҳаҷҳазориён" ва саҳми онҳо дар рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон ибрози назар кардааст.

Дар асари Бобоева Х.Қ. "Иттиҳоди синфи коргар ва деҳқонони Тоҷикистон дар давраи сохтмони сотсиализм" ёрии синфи коргар, аз ҷумла, бригадаҳои сарпараст ва бистуҳанҷҳазориёнро ба деҳқонон дар давраи ҳассоси коллективонӣ ва саноатикунонии Тоҷикистон дар солҳои 1929-1932 ва минбаъд, бо мисолҳои ҷолиб нишон додааст. Муаллиф қайд мекунад, ки бистуҳанҷҳазориён дар дигаргунсозии сотсиалистии кишоварзии ноҳияҳои Хуҷанд ва Қӯрғонтеппа саҳми калон доранд. Бистуҳанҷҳазориён А.И.Уваров П.А.Сухов, В.Казанников, П.А.Макаров, О.А. Евполова, П.Г.Безгин, К.С.Филчугин дар байни деҳқонон хеле машҳур буданд.

Умуман, омӯзиши комил ва ҳаматарафаи фаъолияти бистуҳанҷҳазориён ва саҳми онҳо дар амалӣ сохтани се барномаи муҳташами давлати шӯравӣ - саноатикунонии мамлакат, коллективонии хоҷагии қишлоқ ва инқилоби маданӣ дар Тоҷикистон, ки то имрӯз ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст, барои боз ҳам васеътар

инъикоснамудани таърихи замони шӯравии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест.

Аз ин ҷиҳат унвонҷӯ Мирзоев Ғолибшо Шарифович мавзуи муҳим, актуалӣ ва арзишмандро барои таърихи халқи тоҷик ба ҳайси рисолаи илмӣ бо унвони «Фаъолияти “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» интихоб кардааст.

Арзишмандӣ, рӯзмаррагии мавзуи интихобшуда аввалан дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводи бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурӣ, дастовардҳои таърихнигорӣ ва ёддоштҳои иштирокчиёни сохтмони колхозӣ дар Тоҷикистон бори аввал ба таври васеъ ва комил мавриди таҳлилу баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Мубрамияти мавзуъро ҳамчунин зарурати таърихии омӯзиши даврони шуравӣ, раванди ба ҷумҳурӣ омадани биступанҷҳазориён ва фаъолияти онҳо мақсаднок кардааст, зеро маҳз заҳмату талошҳои бевоситаи биступанҷҳазориён ва гурӯҳҳои сарпараст, ки заминаҳои пешрафт ва инкишофи ояндаи ҷумҳуриро фароҳам овард ва шароити мусоидробарои рушди Тоҷикистони шуравӣ дар оянда муҳайё гардонид.

Навгонии илмии тадқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки бори нахуст дар даврони соҳибистиқлолӣ аҳамият ва арзишмандии раванди ба Тоҷикистон омадан ва ҷобаҷокунии “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст нишон дода шуда, саҳми онҳо дар рушди саноати кишвар муайян карда мешавад. Инчунин, нақши “биступанҷҳазориён” дар рушди соҳаи аграрии Тоҷикистон инъикос гардида, маводинавибойгонӣ ворид мешавад, ки саҳми “биступанҷҳазориёнро” дар равандҳои иншооти обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар ҷумҳурӣ, бахусус дар водии Вахш, ошкор менамояд.

Рисолаи илмии унвонҷӯ Мирзоев Ғ.Ш. аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Таркиб ва мазмуни рисола аз он шаҳодат медиҳад, ки нақшаи кор дуруст тартиб дода шуда, вазифаҳои дар он матраҳ гардида, бо муваффақият ичро гардидаанд.

Дар муқаддима унвонҷӯ мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда, сатҳи омӯзиш ва таҳқиқоти онро аз тарафи муҳаққиқон ва шахсиятҳои алоҳида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии рисола, манбаъҳои асосии таҳқиқот, навгониии илмии он, нуқтаҳои асосиаш ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола ва тавсиби натиҷаҳои тадқиқоти хешро мушаххас баён намудааст.

Боби аввали рисола бо унвони «Ёрии “биступанҷҳазориён” ба халқи Тоҷикистон дар сохтмони ҷомеаи нави сотсиалистӣ (1929-1937)» аз се зербоб:« Ба Тоҷикистон омадани коргарони рус– ”биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст»,«Саҳми “биступанҷҳазориён” дар рушди саноати Тоҷикистон», «Ёрии“биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар бунёди совхозҳо ва колхозҳо» иборат аст.

Дар ин қисмати кор унвонҷӯ Мирзоев Ғ.Ш. аслан ба раванди омадани биступанҷҳазориён, фаъолияти онҳо дар самти таъсис ва ташаккули колхозҳо, сохтмон ва рушди корхонаҳои хурди саноатӣ таваҷҷуҳ намудааст.

Боби дуюми рисолаии мазкур «Нақши “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар азхудкунии водии Вахш ва дигар иншооти ирригатсионӣ» ном дошта, аз ду зербоб «Ширкати “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар сохтмони “Вахшстрой”», Саҳми “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар сохтмони иншооти обёрикунанда» асосан ширкати биступанҷҳазориён дар азхудкунии водии Вахшро, ки яке аз иншоотҳои бузурги шуравӣ ба ҳисоб мерафт, дарбар гирифтааст.

Инчунин дар ин боб роҷеъ ба дигар иншоотҳои обёрикунанда маълумот ҷой дода шудааст.

Навоварӣ ва арзишмандии ин қисмати дисссертатсияи таҳқиқотии Мирзоев Ғ.Ш. аз он иборат аст, ки дар қатори баррасии ҳаёту зиндагии биступанҷҳазориён, фаъолият ва қаҳрамонии ҳар яки онҳоро ошкор месозад. Ҳамзамон бо овардани далелҳои қотеъ хизматҳои бузурги онҳоро ба сифати донишманд, ходими давлатӣ, роҳбари илмӣ, ташкилотчии моҳир, тарбиятгар барои дигарон муаррифӣ месозад.

Муҳимтарин дастовардҳои илмӣ-таҳқиқоти унвонҷӯ Мирзоев Ғ.Ш. дар ин рисола ҷамъбасти хулосавии ҳар як зербоби он мебошад, ки ҷолиб ва мавриди таъкиди махсус аст. Ин ҷиҳати нигориши он аз ҷустуҷуҳои илмӣ, мустақилияти фикрӣ ва навоварию навгӯии муаллиф дарак медиҳад. Мазмун ва муҳтавои дохили рисола бо мавзуоти бобҳо ва зербобҳо тарҳрезӣ шуда,бо рӯйхати адабиёт пурра мувофиқат менамоянд.Ҷанбаҳои илмӣ ва имлоию услубии рисола дуруст буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо қимати онро меафзояд:

1. Дар диссертатсия таҳлили муқоисавӣ бо биступанҷҳазориёни дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна дида намешавад. Агар чунин муқосиса вуҷуд медошт, баҳогузорӣ ба кори биступанҷҳазориён осонтар мешуд ва хусусиятҳои хоси онҳо муайян мегагдид.
2. Дар диссертатсия такрори фикру андеша ва баъзе факту рақамҳо дида мешавад, ки қурби онро кам мекунад.
3. Рисолаи илмӣ аз хатогиҳои илмию услубӣ орӣ нест.

Натиҷахои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои таҳқиқотро пурра ифода менамояд. Ҳамин тариқ, диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович «Фаъолияти “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» аз рӯи ихтисоси ихтисоси 07.00.02 –

таърихи ватанӣ такмилшуда ҳисоб ёфта, муаллиф ҳадаф ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар раванди таҳқиқ бо муваффақият ҳаллу фасл намудааст.

Мавзӯи диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои истифода шуда ба ҳангоми таҳқиқ ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф бо ихтисоси интихобнамудаи ӯ мувофиқат менамоянд. Сохтори диссертатсия ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешбининамудаи низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти мухтавои асосии диссертатсия ва аз рӯи интишороти муаллиф метавон натиҷагирӣ кард, ки Мирзоев Ғолибшо Шарифович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Мудири кафедраи таърихи ватании
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент
/________________/ Ортиқов Абдурафиқ Абдраманжанович

Имзои дотсент Ортиқов А.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон
/________________/ Раҳимов А.А.
20.01.23

734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30